**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02-таърихи ватанӣ**

Низомулмулки Тӯсӣ яке аз мутафаккирони барҷаста, файласуф ва сиёсатмадори машҳури асри XI буда, нақши ӯ дар инкишофи илму фарҳанг ва низоми идориву ҷамъиятии давлати Салчуқиён барҷаста мебошад. То ба рӯзгори мо аз ин донишманди маъруф осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки дар миёни онҳо "Сиёсатнома" мақоми шоиста дошта, дорои қиммати баланди илмӣ-таърихӣ мебошад.

Бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам омадааст, ки усулҳои идоракунӣ ва сохтори давлатдории гузаштагони худро омӯзем, аз анъанаҳои пурифтихор ва афкори сиёсии ниёгонамон ғизои маънавӣ гирем. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ин сарчашмаи гаронбаҳои таърихӣ аз он ҷиҳат дорои аҳамияти бузурги илмӣ мебошад, ки дар замони муосир дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дигар ҷумҳуриҳои ҳамҷавор нисбат ба масоили роҳҳои инкишофи ҷомеа, адолати иҷтимоӣ, қавоид ва низоми давлатдорӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардидааст.

"Сиёсатнома"-и Низомулмулки Тӯсӣ на фақат асари риштаи сиёсатмадорист, дар он беҳтарин анъанаҳои давлатдории пешазисломии тоҷик матраҳ шудааст ва бо таҷрибаи шахсии муаллиф дар ҷомеаи исломӣ омезиш пайдо намудаанд, балки ҳамчун муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ доир ба омӯзиши таърихи давлатдории халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати дигари ҷолиби

таваҷҷӯҳи "Сиёсатнома" аз он иборат мебошад, ки дар он вобаста ба таҳлилу баррасии афкори иҷтимоиву сиёсӣ аксаран ахлоқи мулукону сиёсатмадорон, шоҳону наҷибзодагон ва аҳли дарбору мансабдорон мавриди пажӯҳиши муҳаққиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар автореферат мушахасан масъалаҳои Низомулмулк ҳамчун ходими маъруфи ҷамъиятӣ-сиёсии асри XI ва арзиши таърихии «Сиёсатнома»-ро ҳамчун дастури идории давлатдорӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор додааст. Инчунин дар он масъалаҳои нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салчуқиён, таърих ва фаъолияти мадрасаҳои Хуросони Бузург ва мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълим мавриди таҳлил ва муҳокимаронии илмӣ қарор гирифтааст. Маҳз ба марҳилаҳои муайян ҷудо гардидани масъалаи мазкур яке аз дастовардҳои илмие мебошад, ки то андозае савияи дониши илмӣ доштани муҳаққиқро баръало собит месозад.

Бинобар ақидаи муҳақиқ нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиёнро метавон ба ду давраи асосӣ ҷудо намуд:

-Низомулмулк ходими бузурги давлатӣ ва фарҳангӣ.

-Низомияҳо – нахустин марказҳои таълимӣ ва илмӣ бо сохтори идории муназзам ва пешрафта.

Марҳилаи аввалро, ки ба масъалаҳои Низомулмулк ҳамчун ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI, нақши Низомулмулк дар низоми сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён ва «Сиёсатнома»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ бахшида шудааст, метавон дарёфти шоён ва хидмати муҳаққиқ донист.

Дар баррасии ин қисмат муҳаққиқ дар ибтидо, оид ба паҳлуҳои муассири зиндагиномаи Низомулмулк маълумот дода, роҳи тайнамудаи ӯро аз айёми донишандӯзӣ дар шаҳрҳои Нишопур, Балх ва Исфаҳон,

дафтардорӣ дар дастгоҳи давлати Ғазнавиён, фаъолияти дабирӣ дар даргоҳи Абуалӣ ибни Шозон дар Балх, ки дар хидмати Салҷуқиён қарор дошт, то расидан ба мақоми вазири Алпарслони Салҷуқиро тавзеҳ медиҳад. Муҳаққиқ дар навбати дуюм вазорати сисолаи Низомулмулки Тӯсиро дар яке аз қудратмандтарин давлати замон – аҳди Салчуқиён, ки тавонист бо раъю тадбири худ сиёсати дохилию хориҷии кишварро хирадмандона роҳандозӣ намояд, тавзеҳ медиҳад. Вай замони вазирии хеш ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар умури хориҷӣ ислоҳоти ҷиддӣ гузаронид, ки ҷавобгӯ ба талаботи замон бошад. Дар интиҳои марҳилаи аввал муаллиф менигорад, ки Низомулмулки Тӯсӣ дар баробари ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори тавоно будан, яке аз донишмандони саршиноси замони худ маҳсуб мешуд.

Марҳилаи дуюмро масъалаҳои таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо, Низомияи Багдод-бузургтарин маркази таълимию илмии замон ва мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои минбаъдаро фаро ғирифта, маълумоти пурқимматеро оид ба низоми таълиму тадрис, барномаҳои таълимӣ ва таърихи мактабу мадрасаҳои замон гирдоварӣ намудааст. Дар қисмати аввали марҳилаи мазкур муҳаққиқ нахуст ҷуғрофиёи Хуросони Бузургро дар асоси осори таърихӣ ва илмӣ мушаххас мекунад, ки он дар шимол аз Варорӯд ва дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш доман мегустарид. Дар қисмати дуюми ин марҳила муаллиф аз таъсиси низомияҳо, ки бо ташаббуси Низомулмулк дар қаламрави давлати Салҷуқиён ба вуҷуд омадаанд, ибрози назар мекунад. Дар қисмати сеюми марҳилаи мазкур муаллиф зикр мекунад, ки бо ташаббуси бевоситаи Низомулмулк ғайр аз Низомияи маъруфи Бағдод дар дигар шаҳрҳои қаламрави давлати Салчуқиён, чун Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Харгурд, Мавсил ва ғайра низ низомияҳо таъсис ёфтанд.

Ҳамин тариқ, дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ва навовариҳои таҳқиқот ба таври возеҳ ва

мушаххас инъикос ёфтааст, ки чунин муносибат дараҷаи илмияти рисоларо афзун мегардонанд.

Дастоварди беназири таҳқиқот аз он иборат аст, ки омӯзиши масъалаи “Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷомеа ва вазъи сиёсии давлати Салҷуқиён” дар илми таърихнигории ватанӣ икдоми нав ва саривақтӣ ба шумор меравад. Ба боварии комил метавон гуфт, ки муҳаққиқ ба таври воқеӣ ба мақсади пешгузоштаи худ ноил гардидааст.

Боиси қайд аст, ки дар қисмати “Муҳтавои асосии таҳқиқот” муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳққиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст. Муҳаққиқи ҷавон ҳангоми баррасии масъала аз методҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст, ки дар он методҳои муқовисавии таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва методҳои таҷзия ва таҳлили донишҳои эмпирикӣ мақоми арзанда доранд.

Инчунин нақшаи кори таҳқиқотӣ мантиқан ва мазмунин мутобиқ ба талаботи илмӣ таҳия шуда, ҳар боби он ба масъалаҳои махсус бахшида шуда, ҷавобгӯи мақсади гузошташуда мебошанд. Ғайр аз ин хулосаи автореферат дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои бобҳои алоҳидаи кор ва мубрамияти масъала мебошад, ки ба таври возеҳ ва муъҷаз баён гардидаанд.

Баробари дастовардҳои илмӣ, амалӣ ва натиҷаҳои илмии он, метавон якчанд эродҳоро, зикр намуд, ки онҳо инҳоянд:

1. Дар повараки саҳифаҳои 12 ва 13 иқтибосҳо ғалат оварда шудаанд. Мебоист дар ин адабиёти зикршуда адади саҳифаҳои ҳар як китоб зикр мегардид;
2. Дар саҳифаи 20 хатоҳои имлоӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ буда, эътибори илмии кори таҳқиқотиро халалдор намекунанд. Дар маҷмӯъ кори таҳқиқотӣ дар самти муайяни илмӣ қарор дошта, забони илмии он фаҳмо буда, ҷавобгӯ ба талабот аст.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи ба миён гузошташудаи муаллиф иҷро гардида, хулосаҳои муаллиф ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои

илмии ба дастовардашуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва илмӣ мебошанд.

Автореферати рисола ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи унвонҳои илмӣ мувофиққат намуда, муаллифи он Садриддини Айниддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,**
**номзади илмҳои таърих дотсент:** **Неъмонов Беҳрӯзҷон Зариёевич**

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146,
телефон:(+992-37) 2243707
факс: (+992-37) 2243707, (992-37) 224 72 07
почтаи электронӣ: rectortau31@ mail.ru

**Имзои Неъмонов Б. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**таъминоти ҳуқуқии ДАТ ба номи**
**Шириншоҳ Шоҳтемур** **Тағоева М.А.**
**«18» декабри 2020**